**аз 17.01.2020,**
**№23**

«Дар бораи тасдиқ намудани шакли ариза дар бораи интихоби тартиби ҳисоби ухдадории андозӣ оид ба андози низоми соддакардашуда барои субъектҳои соҳибкории хурд»

Бо мақсади мавриди амал қарор додани муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 2 январи соли 2020, № 1676 мутобиқи банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Шакли аризаи муқарраршуда "Дар бораи интихоби тартиби ҳисоби ухдадории андозӣ оид ба андози низоми соддакардашуда барои субъектҳои соҳибкории хурд" тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. КВД "Маркази барномасозӣ ва маъмурикунонии андоз" ҷиҳати дар сомонаи расмии Кумитаи андоз ва барномаи компютерии системаи дахлдори андозҳо ҷойгир намудани шакли аризаи мазкур чораҷӯӣ намояд.
3. Шакли аризаи муқарраршуда "Дар бораи интихоби тартиби ҳисоби ухдадории андозӣ оид ба андози низоми соддакардашуда барои субъектҳои соҳибкории хурд" тибқи тартиби муқарраршуда дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар феҳристи шакли аризаҳо ба қайд гирифта шавад.
4. Сардори сарраёсатҳо ва раёсатҳои дахлдори Дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз ҷиҳати дар амал татбиқ намудани шакли аризаи мазкур чораҷӯӣ намояд.
5. Шуъбаи ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкур ва замимаи онро ба Раёсатҳои дахлдор ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.
6. Назорати иҷроиши Фармоиши мазкур ба зиммаи Муовини аввали Раис Солеҳзода А. М. вогузор карда шавад.

Раис Н. Давлатзода